«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи технологии
Тоҷикистон, д.и.т., профессор
_____________ Амонзода И.Т.
«___» _08_____________2023

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич дар мавзӯи “Таъмини кадрии рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди бозорӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат.

### 1. Мубрамии мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ

Бояд қайд кард, ки дар татбиқи ҳадафҳои стратегӣ ва дурнамои рушди иқтисоди ҷумҳурӣ соҳаи савдо мавқеи махсусро ишғол менамояд, ки бахши муҳими соҳаи хизматрасонӣ ва омили калидии таъмини зиндагии шоиста ба аҳолӣ мебошад.

Яке аз масъалаҳои муҳимтарини рушди савдои чакана – таъмини ин соҳаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим бо кадрҳои рақобатпазир ба ҳисоб меравад, ки зери таъсири омилҳои гуногун амалӣ гардонида мешавад. Кадрҳои воқеан босалоҳияти савдои чакана бешубҳа дар самти баланд бардоштани дараҷаи рақобатпазирии соҳа ва сифати хизматрасонӣ ба истеъмолкунандагон нақши калидӣ мебозанд.

Муаллифи диссертатсия комилан дуруст қайд менамояд, ки “таъсири назарраси савдои чакана ба таъмини рушди иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳурӣ тақозо менамояд, ки таҳқиқи амиқи масъалаҳои назариявӣ ва методологии тамоюл, қонуният ва ихтилофҳои рушди савдои чакана ва ташаккули механизми самараноки таъмини рақобаттавонии субъектҳои он амалӣ гардонида шавад” (С. 4).

Дар робита ба ин, муқаррароти илмӣ-назариявӣ ва методии таъмини рақобаттавонии савдои чакана дар шароити амал ва рушди муносибатҳои бозорӣ, таҳлили амиқ ва таҳияи стратегияи баланд бардоштани сифати хизматрасониҳоро ҳамчун яке аз омилҳои таъмини рақобаттавонии

субъектҳои савдо бо дарназардошти ҷавобгӯ будан ба талаботи модели инноватсионии рушди иқтисодиёт тақозо менамояд.

Таҳқиқи ин масъала дар шароити иқтисодиёти ба иҷтимоиёт нигаронидашуда аҳамияти махсус пайдо мекунанд, зеро он ба ҳадаф ва вазифаҳои стратегии кишвар, ки дар Стратегияи миллии рушд то давраи соли 2030 инъикос ёфтаанд, ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамин тавр, интихоби мавзӯъ, аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевичро мубрам арзёбӣ намудан мумкин аст.

2. **Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ва ё соҳаи илми эълоншуда**

Диссертатсияи Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич дар мавзӯи "Таъмини кадрии рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди бозорӣ" ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои илмӣ аз рӯйи самти 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мувофиқат мекунад:.

3. **Навгонии илмии натиҷаҳо ва хулосаву пешниҳодҳои диссертатсия**

Дар диссертатсия ҷанбаҳои назариявию методии таъмини кадрии рушди савдои чакана таҳқиқ гардида, тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили ин раванд асоснок шудаанд.

Боиси қайд аст, ки ба ҳимоя, аз ҷониби муаллиф, нуктаҳои зерини назариявӣ, методӣ ва амалии таҳқиқот пешниҳод гардидаанд, ки дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд:

- муаллиф дар диссертатсия нақш ва аҳамияти рушди савдои чаканаро ҳамчун субъекти муносибатҳои иҷтимоӣ дар шароити муосир мушаххас гардонидааст. Савдои чакана аз рӯйи мазмун ва таъиноти вазифавии худ на танҳо ҳамчун соҳаи мустақили иқтисоди бозорӣ ва намуди махсуси фаъолияти соҳибкорӣ, балки ҳамчун субъекти муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ низ арзёбӣ гардидааст;
- дар рисола исбот гардидааст, ки яке аз омилҳои муҳимтарини рушди савдои чакана таъмини он бо кадрҳои зина ва категорияҳои гуногун ба ҳисоб меравад. Аз ҷониби муаллиф хусусиятҳои раванди меҳнат дар савдои чакана

дар шароити иқтисоди бозорӣ мушаххас гардонида шудааст: хислати дуҷонибагии меҳнат; алоқамандӣ бо идомаи раванди истеҳсолот дар соҳаи муомилот; якрангӣ ва мавҷудияти фишори зиёди асабӣ ва ҷисмонӣ; таъсири назарраси омилҳои эҳтимолӣ; шиддатнокии меҳнат; хизматрасонӣ будани натиҷаи меҳнат ва ғайра;

- дар асоси амалӣ намудани таҳлили вазъи савдои чакана ва таъмини кадрии он, тамоюлҳо ва хусусиятҳои хоси рушди он дар шароити муосир муайян карда шудаанд. Дар натиҷаи гузаронидани таҳлил муаллиф муқаррар намудааст, ки новобаста аз тамоюлҳои мусбат дар соҳаи савдои чакана ва таъмини кадрии он мушкилоту проблемаҳо ҷой доранд, ки ба сатҳу сифати хизматрасонӣ ба харидорон таъсири манфӣ мерасонад;

- дар натиҷаи гузаронидани таҳлили иқтисодӣ, амалӣ намудани пурсишнома ва омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ омилҳое, ки ба низоми таъмини кадрии савдои чакана дар шароити иқтисодӣ бозорӣ таъсир мерасонанд, ошкор карда шудаанд. Ҳамаи омилҳоро ба омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ гурӯҳбандӣ гардидаанд;

- самтҳои асосии рушди савдои чакана ва низоми таъмини кадрии он пешниҳод ва асоснок гардонида шудаанд. Афзалиятҳо барои дурнамои инкишофи он савдои чакана муайян карда шудаанд: такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии ташкили савдои чакана; татбиқи шаклҳои муосири корхонаҳои савдои чакана; таъмини бехатарии молу хизматрасонӣ, риояи қатъии қоидаҳои беҳдошт ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон; татбиқи технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана;

- дар самти такмили низоми таъмини кадрии савдои чакана пешниҳодҳои зерин асоснок карда шудаанд: ҳавасмандгардонии таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар савдои чакана; такмили низоми нақшагирии эҳтиёҷот ба кадрҳои савдои чакана дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои алоҳидаи он; амалӣ намудани таҳлили тақозо ва арзаи нерӯи корӣ дар савдои чакана; ташкили чорабиниҳо, ки барои рушди иқтидори кадрии савдои чакана, устувории ҷойҳои корӣ ва баланд шудани ҷолибияти соҳаи савдо нигаронида шудаанд.

- тавсияҳо оид ба такмили низоми тайёркунӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои савдои чакана дар асоси рушди салоҳиятҳои рақамӣ пешниҳод

шудаанд. Қайд гардидааст, ки дар ҷумҳурӣ зарурати воқеии ташаккули низоми тайёркунӣ ва такмили ихтисоси кормандони соҳаи савдо, бахусус зернизоми чаканаи он ба миён омадааст. Ҳамчунин асоснок шудааст, ки кормандони соҳаи савдои чакана дар шароити муосир дорои салоҳиятҳои рақамӣ бошанд, рушди ин соҳаи муҳимми иқтисоди миллиро бе татбиқи технологияҳои рақамию инноватсионӣ тасаввур кардан мушкил аст.

## 4. Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот

Аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба рушди назарияи савдои чакана ва таъмини кадрии рушди субъектҳои он мусоидат мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқот, ки аз ҷониби муаллиф ба даст оварда шудаанд, метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани ҳолати воқеӣ ва таъмини кадрии рушди савдои чакана бо дарназардошти таъсири бисёрҷонибаи омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ дар шароити муосир истифода шаванд.

Хулосаҳои асосӣ ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, метавонанд дар раванди таълим барои омодасозии мутахассисон дар самти савдо ва хӯроки умумӣ, инчунин дар курсҳои кӯтоҳмуддати такмили ихтисоси роҳбарон, кормандон ва мутахассисони бахши савдои чакана истифода шаванд.

## 5. Дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳии муқаррароти илмӣ ва хулосаву пешниҳодот

Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузошташуда равишҳои методологӣ ва методии пажӯҳиш, ки муаллиф интихобу истифода намудааст, имконият додааст, ки натиҷаҳои судманди илмӣ дар самти таъмини рақобаттавонии субъектҳои савдои чакана дар асоси баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба даст оварда шавад.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанию хориҷиро дар соҳаи рушди савдои чакана эҷодкорона истифода бурдааст.

Дар раванди тадқиқоти диссертатсионӣ усулҳои иқтисодии таҳлил васеъ истифода шудаанд, махсусан: усулҳои индуксия ва дедуксия, иқтисодию оморӣ, қиёс, ҳисобию конструктивӣ, тавозунӣ, графикӣ, монографикӣ, экспертиза ва пурсиши иҷтимоӣ.

Шиносоӣ бо мундариҷаи диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф ба таври самаранок бо адабиётҳои илмӣ доир ба мавзӯи таҳқиқот кор кардааст, мустақилона далелҳои омориро вобаста бо мақсади таҳқиқот ҷамъ овардааст, коркард ва таҳлил намудааст.

## 6. Арзёбии мундариҷаи диссертатсия ва дароаҷаи ба итмом расидани он

Диссертатсияи барои тақриз пешниҳодгардида аз муқаддима, се боби матни асосӣ, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 172 саҳифа оварда шудааст ва 20 ҷадвал, 12 расмро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 160 номгӯй иборат аст.

Дар муқаддима мубрам будани мавзӯи диссертатсия ва сатҳи омӯзиши он асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва усулҳои таҳқиқот муайян шудаанд, инчунин, муқаррароти дорои навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии диссертатсия инъикос гардидаанд ва маълумот оид ба тавсиби натиҷаҳои таҳқиқ пешниҳод карда шудаанд (с. 3-14).

Дар боби якуми диссертатсия “Асосҳои илмию назариявию ташаккули низоми таъмини кадрии савдои чакана” моҳияти иҷтимоию иқтисодӣ ва аҳамияти рушди савдои чакана ҳамчун субъекти муносибатҳои меҳнатӣ дар бозори хизматрасониҳои тиҷоратӣ баррасӣ гаштааст ва хусусиятҳои ташаккул ва рушди низоми таъмини кадрии савдоӣ чакана дар шароити муосир муайян шудаанд (С. 12-55).

Натиҷаҳои бадастомада дар ин боби диссертатсия нишон медиҳанд, ки муаллиф зимни таҳқиқи заминаҳои илмию назариявии кор нақш ва аҳамияти рушди савдои чакана ҳамчун субъекти муносибатҳои иҷтимоӣ дар шароити муосир мушаххас гардонида шудааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки нақш ва аҳамияти рушди савдои чакана дар шароити муосир дар самти таъмини аҳолӣ бо молу хизматрасонӣ боз ҳам боло меравад. Алҳол дар бозори ҷаҳонии савдои чакана тамоюлҳоеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки бо

рақамикунонии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ташаккули иқтисоди сабз вобастагӣ доранд. Равандҳои зикршуда ба савдои чакана низ таъсири худро мерасонанд. Бинобар ин дар диссертатсия диққати махсус ба рушди савдои чакана дар шароити зуҳуроти номбаршуда равона шудааст.

Дар рисолаи илмӣ муаллиф исбот намудааст, ки яке аз омилҳои муҳимтарини рушди савдои чакана – ин таъмини рушди он бо кадрҳои зина ва категорияҳои гуногун ба ҳисоб меравад. Бинобар ин дар таҳқиқот рисола ба ин масъала диққати махсус равона шудааст ва ҳадафи асосии он мебошад. Дар диссертатсия ҳамчунин муайян карда шудааст, ки ҳамаи равандҳои меҳнатие, ки кормандони корхонаҳои савдо иҷро мекунанд, вобаста ба моҳият ва мазмуни худ ба ду намуд тақсим мешаванд: вобаста ба ивази шакли арзиши мол; вобаста ба идомаи раванди истеҳсолот дар соҳаи муомилот.

Дар таҳқиқоти тақризшаванда таснифи кадрҳои савдои чакана дар шароити муосир низ амалӣ карда шудааст. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки яке аз муҳимтарин нишона ин таснифи кормандони савдои чакана аз рӯйи нишондиҳандаи категорияи кадрҳо ба ҳисоб меравад, ки мутобиқи он кадрҳои савдои чаканаро ба кормандони зинаи идоракунӣ, кормандони савдою оперативӣ (хизматрасон) ва кормандони ёрирасон.

Дар боби дуюми таҳқиқот "Таҳқиқи вазъи муосири таъмини кадрии рушди савдои чакана" вазъи муосир ва тамоюли таъмини кадрии савдои чакана мавриди таҳлил қарор дода шуда, арзёбии таъсири омилҳо ба низоми идоракунии кадрҳои савдои чакана дар заминаи таҳлили таҷрибаи хориҷӣ амалӣ гаштааст (С. 56-96).

Натиҷаҳои боби мазкур дорои аҳамияти амалӣ мебошанд, зеро дар доираи он вазъи муосир, тамоюл ва хусусиятҳои рушди савдои чакана мавриди таҳлил қарор дода шуда, хусусиятҳои хоси онро бо дарназардошти рушди муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар ин соҳа муқаррар гардидаанд. Таҳлили гузаронидашуда нишон додааст, ки бозори истеъмолии кишвар дар ҳамалоқамандӣ бо раванди ислоҳоти иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ инкишоф ёфта, ба фаъолияти субъектҳои соҳаи савдо диққати махсус равона шуда истодааст.

Довталаб ба қатори мушкилоти ҳалталаби соҳаи савдои ҷумҳурӣ механизми номукаммали рушди инфрасохтори савдои чакана, салоҳияти касбии нисбатан пасти кормандон, андозаи пасти музди меҳнати кормандони савдо дар фарқият нисбати дигар соҳаҳо, масъалаи тайёр кардани кадрҳо, бахусус кадрҳои зинаи миёнаи соҳаи савдо, фарқияти бештар дар самти сифати хизматрасонӣ ва салоҳияти касбӣ дар байни кормандони марказҳои савдо ва бозорҳои фурӯши чакана; фоизи баланди аз кор рафтани кормандони савдои чакана, ноустувории ҷойи кории онҳо, нуфузи пасти касби корманди савдо дар ҷомеа ва ғайраро номбар намудааст.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки дар бозори савдои чаканаи ҷумҳурӣ дар самти таъмини кадрии он мушкилот ва масъалаҳои ҳалталаб хеле зиёд аст. Дар ин робита махсусан масъалаи тайёр кардани кадрҳо, бахусус кадрҳои зинаи миёнаи соҳаи савдо, ки бевосита ба истеъмолгарон хизмат мерасонанд, қайд кардан мумкин аст. Таҳлили пурсиши коршиносони соҳа имкон дод, ки чунин хулоса бароварда шавад, ки сатҳи салоҳияти касбии ин категорияи кормандон дар сатҳи хеле паст қарор дорад. Ҳамчунин фарқияти хеле зиёд дар самти сифати хизматрасонӣ ва салоҳияти касбӣ дар байни кормандони марказҳои савдо ва бозорҳои фурӯши чакана ба назар мерасад.

Дастоварди дигари илмию амалии муаллиф дар он аст, ки Дар диссертатсия дар асоси пурсишномаи роҳбарону мутахассисони субъектҳои савдои чакана ва коршиносони соҳа ҳамчунин омилҳои ба низоми таъмини кадрии савдои чакана таъсиррасон ошкор гардидаанд. Ба таври анъанавӣ ҳамаи омилҳо ба омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ гурӯҳбандӣ карда шудаанд.

Дар боби сеюми рисола “Дурнамои рушди низоми таъмини кадрии савдои чакана” самтҳои асосии рушди низоми идоракунии кормандони савдои чакана асоснок гардонида шуда, тавсияҳо оид ба такмили низоми тайёркунӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои савдои чакана дар асоси рушди салоҳиятҳои рақамӣ таҳия ва пешниҳод шудаанд (С. 97-147).

Дар диссертатсия самтҳои асосии рушди савдои чакана ва низоми идоракунии кормандони он асоснок гардидааст. Ҳамзамон роҳҳои такмили

механизми ҳавасмандгардонии кормандони субъектҳои савдои чакана дар шароити муосир пешниҳод шудааст.

Ҷиҳати мусбати таҳқиқот дар он аст, ки дар он дар асоси таҳлили тамоюлҳои рушди савдои чаканаи ҷумҳурӣ, афзалиятҳо барои дурнамои инкишофи он дар умум муайян карда шудаанд ва дар самти такмили низоми таъмини кадрии соҳаи савдо ҳадафҳои ташаккули низоми мазкур пешниҳод шудааст.

Механизми таҳиягардидаи ташаккули рақобатпазирии корманди савдои чакана ва дар асоси он дар диссертатсия пешниҳод намудани омилҳои рақобатпазирии кормандони савдои чакана дар шароити амали муносибатҳои бозорӣ аҳамияти баланди илмию амалӣ дорад.

Диссертатсияи тақризшаванда бо хулоса ва тавсияҳои судманд барои рушди ояндаи объекти таҳқиқот анҷом меёбад (С. 148-153).

## 7. Эроду тавсияҳо ба диссертатсия

Ба сифати эроду тавсияҳо ба диссертатсияи тақриз мазкур чуин нуқтаҳоро қайд кардан мумкин аст:

1. Ба андешаи мо, сатҳу сифати диссертатсия боз ҳам беҳтар мегардид, агар муаллиф зимни баррасии масъалаҳои илмию назариявию таъминоти кадрии рушди савдои чакана аз корҳои илмии олимони ватанӣ бештар истифода мебурд.

2. Дар диссертатсия ба масъалаҳои методии арзёбии истифодаи самараноки захираҳои кадрии савдои чакана таваҷҷуҳи кам зоҳир шудааст.

3. Новобаста аз он ки кори илмӣ дар мисоли соҳаи савдои ҷумҳурӣ омода шудааст, ба андешаи мо, муаллиф бояд хусусиятҳои рушди кадрии савдои чаканаро дар мисоли корхонаҳои мушаххас пешниҳод менамуд.

4. Дар боби сеюми диссертатсия зимни таҳияи самтҳои асосии такмили механизми таъмини кадрии савдои чакана муаллиф бояд ба рушди механизми тайёркунӣ ва ҳавасмандгардонии кадрҳои савдои чакана таваҷҷуҳи бештар равона месохт, ки дар шароити муосир хеле нигароникунанда мебошад.

5. Дар диссертатсия ва автореферати он як қатор хатогиҳои имлоӣ дида мешаванд.

Аммо эроду тавсияҳои зикршуда сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионии Кабутов Қ.М.-ро коҳиш намедиҳад. Дар умум диссертатсияро метавон гуфт, ки таҳқиқоти ба итмомрасида аст, мустақилияти муаллиф дар омода намудани диссертатсия эҳсос мешавад.

## 8. Тасдиқи инъикоси натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ

Асарҳои интишорнамудаи муаллиф хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро дар худ инъикос менамоянд. Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот 16 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шуда, чоп карда шудаанд. Натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба тариқи маърӯзаҳои илмӣ баён шуда буданд.

## 9. Мутобиқати автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсия

Автореферати диссертатсияи Кабутов Қ.М. тибқи талаботи муқаррааргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос мекунад ва дар он натиҷаҳои илмии асоснокгардида шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

## 10. Хулоса оид ба мутобиқати диссертатсия ба меъёрҳои муқаррааргардида

Диссертатсия дар мавзӯи “Таъмини кадрии рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди бозорӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат.таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи муқаррааргардидаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси зикршуда мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи муштараки кафедраи иқтисодиёти байналмилалӣ ва иқтисод ва идоракунии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз 26 августи соли 2023, протоколи № 1 муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

Раисикунандаи ҷаласа:
Декани факултети менеҷменти
байналмилалӣ ва маркетинг,
номзади илмҳои иқтисодӣ Раҳимзода М.И.

Эксперт:
Мудири кафедраи
иқтисодиёти байналмилалӣ
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Азимова М.Т.

Котиби ҷаласа:
Мудири кафедраи
иқтисодиёт ва идоракунӣ
номзади илмҳои иқтисодӣ Шарифзода Ш.Р.

*Имзоҳои М.И. Раҳимзода, М.Т. Азимова ва Ш.Р. Шарифзодаро тасдиқ менамоям.*

Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Бухориев Н.А.

Суроғаи муассисаи пешбар:
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061,
ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, 63/3.
Телефон: (+992 37) 234-79-87
E-mail: rectorat-tut@mail.ru